# ХУЛОСАИ
# Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

**Парвандаи аттестатсионии № 55**

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 14-уми майи соли 2021, № 56 дар барои ба Одиназода Рамазон Сафар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Одиназода Рамазон Сафар дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 05.02.2021, суратмаҷлиси № 47 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.06.2019, №133) қабул карда шудааст.

Диссертант Одиназода Рамазон Сафар 23 июни соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Солҳои 2009-2012 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, соли 2012 дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи девони мазолим дар ҳудуди Тоҷикистони тошуравӣ (тадқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» рисолаи номзадиашро дифоъ намудааст.

Солҳои 2013-2014 ба ҳайси мудири шуъбаи аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф фаъолият намудааст.

Соли 2014 ба ҳайси раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ҳамзамон аз соли 2012 дар кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти омӯзгорӣ дорад.

Мавзӯи диссертатсия – «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (суратмаҷлиси № 2 (16-17) аз 31-уми октябри соли 2017).

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси № 5/1 аз 25-уми декабри соли 2020).

**Мушовири илмӣ:**

Буризода Эмомалӣ Бозор – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Маликова Азиза Ҳорисовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи ҳуқуқ ва фалсафаи Донишгоҳи давлатии иқтисодии Самара (Федератсияи Россия);

Муҳаммадӣ Изатулло Сайфуллозода – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини якуми прокурори вилояти Суғд;

Элназаров Давлатшо Хоҷаевич - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи таълимии «Донишгоҳи давлатии молияву иқтисодии Тоҷикистон» (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи

иқтисодӣ ва молиявӣ Исмоилов Ш.М. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молияву иқтисодии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Рамазон Сафар дар мавзӯи «Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Одиназода Рамазон Сафар сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Диссертант вобаста ба мавзӯи диссертатсия, муаллифи 5 монография, 2 дастури таълимӣ, 25 мақолаи илмӣ мебошад, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсиядиҳанда ба табъ расондааст. Интишороти аспирант нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масоили гуногуни ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ алоқамандӣ дорад.

**Муҳимтарин интишороти аспирант аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**чоп шудаанд:**

[1-М]. Одиназода, Р.С. Институты таджикской государственности (на примере мазалим) / Одиназода Р.С. // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия философия и право. – Душанбе. – 2010. - №3. – С. 106 – 110.

[2-М]. Одиназода, Р.С. Особенности формирования и юрисдикция мазалим / Одиназода Р.С. // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2011. - №12. (76). – С. 273- 278.

[3-М]. Одиназода, Р.С. Соотношение полномочий органов мусульманского правосудия. / Одиназода Р.С. // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе. – 2011. - №4. – С. 174-178.

[4-М]. Одиназода, Р.С. Суд и судопроизводство в сасанидский период в истории государственности Таджикистана / Одиназода Р.С. // Вестник Таджикского национального университета. - №1 (77), 2012 – Душанбе. 2012. – С. 109 – 112.

[5-М]. Одиназода, Р.С. Причины учреждения института мазалим / Одиназода Р.С. // Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета. – Душанбк. – 2012. - №1. – С. 125-129.

[6-М]. Одиназода, Р.С. Возникновение механизмов правосудия в авестийский период истории Таджикистана и мазалим как институт правосудия / Одиназода Р.С. // Вестник 55 Таджикского педагогического университета. – Душанбе. – 2012. - №3. – С. 98-103.

[7-М]. Одиназода, Р.С. Организация правосудия в сасанидский период истории Государственности Таджикистана / Одиназода Р.С. // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2012. -№3/1. (79). – С. 117-125.

[8-М]. Одиназода, Р.С. Формирование и развитие института мазалим в Арабском халифате / Одиназода Р.С. // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2012. - №3/2 (162). – С. 48-55.

[9-М]. Одиназода, Р.С. Ташкили адолати судӣ дар марҳилаи авестоии таърихи тоҷикон / Одиназода Р.С. // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе. – 2018. - №3 (27). – С. 26- 29.

[10-М]. Одиназода, Р.С. Кашшофи конститутсионализм дар илми тоҷик / Одиназода Р.С., ҳаммуаллифӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе. – 2019. - №1 (29). – С. 193-201.

[11-М]. Одиназода, Р.С. Андар сифати муҳаққиқ (Бахшида ба 80-солагии академик Ф.Т Тоҳиров) / Одиназода Р.С., ҳаммуаллифӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе. – 2019. - №2 (30). – С. 194-196.

[12-М]. Одиназода, Р.С. Таҳаввулот, салоҳият ва тавсифи умумии ниҳоди мухтасиб (раис) ҳамчун мақомоти амалисозандаи адолати судии маъмурӣ / Одиназода Р.С. // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе. – 2020. - №1 (33). – С. 35-42.

[13-М]. Одиназода, Р.С. Салоҳияти мақомоти шаҳрбонӣ дар амалисозии адолати судӣ дар Тоҷикистони таърихӣ / Одиназода Р.С. // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе. – 2020. - №2 (34). – С. 51-55.

[14-М]. Одиназода, Р.С. Пайдоиш ва рушди давлатдории Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924- 1929) (ҳаммуаллифӣ) / Одиназода Р.С. // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе. – 2020. - №2 (34). – С. 26-50. 56

[15-М]. Одиназода, Р.С. Суди шоҳӣ (Боргоҳи Дод, мазолим): сохтор, тарзи ташкил ва ваколат (ҳаммуаллиф) / Одиназода Р.С. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе. – 2020. - №3 (35). – С. 25-33.

[16-М]. Одиназода, Р.С. Омилҳои таъсиси ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон / Одиназода Р.С. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе. – 2020. - №4 (36). – С. 58-64.

**II.Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар нашр шудаанд:**

[17-М]. Одиназода, Р.С. Организация правосудия в авестийский период истории Таджикистана / Одиназода Р.С. // Актуальные проблем гуманитарных наук в XXI веке: Материалы XII и XIII Международных конференций молодых ученых гуманитарных факультетов МГУ имени М.В. Ломоносова. – Москва: МАКС Пресс, 2011. – 164 с.

[18-М]. Одиназода, Р.С. Организация правосудия в авестийский период истории Таджикистан. Истиқлолиятомили ислоҳи ҳуқуқӣ / Одиназода Р.С. // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, 6 сентябри соли 2011). – Душанбе, 2011. – С. 88-99.

[19-М]. Одиназода, Р.С. Суд и судопроизводство в Сасанидский период в истории государственности Таджикистана. Истиқлолият-омили ислоҳи ҳуқуқӣ / Одиназода Р.С. // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣназариявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, 6 сентябри соли 2011). – Душанбе, 2011. – С. 47-62.

[20-М]. Одиназода, Р.С. Таърихи пайдоиш ва рушди институти мазолим дар марҳилаи давлатдории тамаддуни 57 зардуштӣ. Истиқлолият-омили ислоҳи ҳуқуқӣ / Одиназода Р.С. // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, 6 сентябри соли 2011). – Душанбе, 2011. – С. 173-181.

[21-М]. Одиназода, Р.С. Развитие института мазалим при Арабском правлении. / Одиназода Р.С. // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, 6 сентябри соли 2011). – Душанбе, 2011. – С. 117-131.

[22-М]. Одиназода, Р.С. Ташаккул ва инкишофи девони мазолим то замони ҳукмронии арабҳо / Одиназода Р.С. // Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣназариявӣ). – Душанбе: «Эксклюзив», 2012. – С. 174.

[23-М]. Одиназода, Р.С. Низоми ҷазо дар аҳди Сосониён: манбаъ ва аҳдофи ҳуқуқи ҷазо. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон-маркази тайёр кардани мутахасисони соҳибунвон / Одиназода Р.С. // маҷмӯи маводҳои конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2013. – С. 42-46.

[24-М]. Одиназода, Р.С. Роль Конституции в укреплении прав человека // Конституция гарант обеспечения права, свободы, законных интересов личности, государства и общества / Сборник материалов республиканской научнотеоретической конференции (ГБАО, 10-12 августа, 2016). – С. 8-9.

[25-М]. Одиназода, Р.С. Принсипҳои конститутсионии волояти қонун ва соҳибихтиёрӣ дар таърихи афкори сиёсию ҳуқуқии тоҷикон (ҳаммуаллифӣ) / Одиназода Р.С. // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил таърихии пайдоиш ва нақши он дар рушди падидаҳои давлату ҳуқуқ. - Душанбе, 2019. – С. 62-83. 58

## III. Монографияҳо:

[26-М]. Одиназода, Р.С. Институт мазалим в истории таджикской досоветской государственности (историко– правовое исследование) / Р.С.Одиназода. – Душанбе: Душанбе принт, 2015. – 160 с.

[27-М]. Одиназода, Р.С. Ниҳодҳои мазолим дар таърихи давлатдории пешазшӯравии Тоҷикистон (тадқиқоти таърихӣҳуқуқӣ) / Р.С.Одиназода. – Душанбе: Нур принт, 2017. – 176 с.

[28-М]. Одиназода, Р.С. Судебные и квазисудебные институты в истории таджикской государственности (в соавторстве) / Буризода Э.Б., Одиназода Р.С. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 335 с.

[29-М]. Одиназода, Р.С. Права человека и конституционно-правовое развите Таджикистана (в соавторстве) / Холикзода А.Г., Маджижзода Дж.З., Р.С. Одиназода. – Душанбе: «Меҳрона – 2017», 2019. – 487 с.

[30-М]. Одиназода, Р.С. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ / дар масири ҷаҳонишавӣ / (в соавторстве) / Маҷидзода Ҷ.З., Холиқзода А.Ғ., Одиназода Р.С. – Душанбе: Маориф, 2019. – 219 с.

[31-М]. Одиназода, Р.С. Земельное право Республики Таджикистан: учебно-методическое пособие (в соавторстве) / Диноршоев А.М., Курбонов К.Б., Одиназода Р.С., Саидмуродова Т.А. – Душанбе: «Нашри Мубориз», 2020. – 184 с.

[32-М]. Одиназода, Р.С. Транспортное право Республики Таджикистан. Общая часть: учебное пособие (в соавторстве) / Ғаюров Ш.К., Қурбонов К.Б., Одиназода Р.С., Курбонализода Ф. – Душанбе: «Хирадмандон», 2020 – 152 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:** Зелентсов Александр Борисович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии донишкадаи ҳуқуқи Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия (Федератсияи Россия), Волкова Юля Анатоленва - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ёрдамчии Раиси суди кассатсионии маъмурӣ дар ҳайати Суди Олӣ (Ҷумҳурии Украина), Кулдишев Гулсара Кенҷаевна - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Ош (Ҷумҳурии Қирғизистон), Самедова Шаҳло - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноӣ ва криминологии Донишгоҳи давлатии Бакин (Ҷумҳурии Озорбойҷон), Сактагановна Индира Советовна - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи миллии Авруосиё ба номи А.Н. Гумилев (Ҷумҳурии Қазоқистон), Меликов Умрилло Асадуллоевич - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи тиҷоратии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта баён гардидааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро доир ба муқоисаи амали мақомоти маъмурии амалисозандаи адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистони таърихӣ ва дигар кишварҳо, инчунин баъзе камбудиҳои забониву имлогиро фаро мегирад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии диссертант:**

Марҳилаҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои адлияи маъмурӣ, адолати судии маъмурӣ ва даврабандии он дар таърихи давлатдории тоҷик, ташаккул ва рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ташаккул ва рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии исломӣ, амалисозии адолати судии маъмурӣ аз ҷониби амалдорони давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таърихи давлатдории тоҷикон ва идомат, фарқият ва дурнамои ташаккули адлия маъмурӣ ва амалисозии адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистон мавриди пажӯҳиши амиқи илмӣ қарор дода шудаастбо истифода аз манбаҳои таърихӣ, осори илмӣ, ва асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ **омӯхта** шудааст.

Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ (таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ) дар Тоҷикистон **коркард** карда шудааст.

**Исбот карда шудааст**, ки мавҷудияти суди маъмурӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ва Тоҷикистон буда, ошкор намудани қонунияти ташкил, заруратӯ ногузириҳо, омилҳои таъсис, самтҳои фаъолият ва доираи амали суди маъмурӣ; ва дар заминаи ин ҳама омода намудани таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи таҷрибаи фаъолияти онҳо дар замони муосир мебошад. Ҷустани васлияти хотираи ҳуқуқии арзишманди миллат, ки мутобиқ ба талаботи Конститутсия ва давлати демократию дунявии Тоҷикистон аст, бо раванди ислоҳоти низоми судӣ ва дар ин замина таъсири мусбат расонидан ба шаклгирии давлати миллии тоҷикон дар намои ташаккули мафкураи муосири миллӣ ва ҳуқуқии халқ; пурра намудани фазои таҳқиқоти таърихи ҳуқуқи миллат мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди таҳқиқот дар самти таърихи давлат ва ҳуқуқ, афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ба такмили ниҳодҳои суди маъмурӣ мусоидат мекунад;

- сабабҳои таъсис, фаъолият, доираи амал, моҳият ва мазмуни фаъолияти судҳои маъмурӣ дар мисоли якчанд ниҳоди мушаххас, аз ҷумла Боргоҳи Дод, мазолим, суди динӣ, ваколати судии мансабдорони алоҳида дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик дар доираи усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ ва махсусӣ-ҳуқуқӣ омӯхта шудаанд;

- доир ба анҷом додани як зумра таҳқиқоти мукаммал дар самти адлияи маъмурӣ ва амалисозии адолати судӣ тавсияҳои муфид пешниҳод шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усулҳои шаклӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ, усулҳои мантиқии анализ, синтез, хулосабарорӣ, аз умумӣ ба хос ва аз хос ба умумӣ (индуксия ва дедуксия), усули объективии илмӣ истифода шудаанд.

Чун заминаи назариявӣ осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди В.В. Бартолд, Б.Ғ. Ғафуров, Н.Н. Неъматов, Ибни Халдун, А.Метс, И.П. Петрушевский, Е.Б. Абросимова, Д.Н. Бахрах, А.Т. Боннер, В.В. Бойтсова, Н.Водовозов, С.Б.Веселовский, С.К.Гогель, ,К.Граалманн-Шеерер,, В.М. Жуйков, , М.Д. Загрятсов, А.Б. Зелентсов, Н.И. Клейн, Н.М. Коркунов, С.А. Корф, М. Лессаж, К. Мами, О. Маер, , Ю.Н. Старилов, Н.Г. Салищева, Н.Ю. Хаманева, И.Т. Тарасов, А.К. Тугел, Ю.В. Романец, М.Штаух, Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит, Абуҳакими Самарқандӣ, Низомулмулки Тӯсӣ, Муҳаммади Ғазолӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигарон **омӯхта шудаанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- хулосаҳо ва нуқтаҳои илмии диссертатсия дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи таълимоти назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣва сиёсӣ, инчунин, ҳангоми ҷараёни тадриси фанни назария ва таърихи

ҳуқуқ ва давлат, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ истифода бурдан мумкин аст;

- аҳамияти амалии диссертатсияро ошкор намудани саҳифаи наве дар таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар он масъалаҳои марказии илми ҳуқуқшиносӣ – пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адолати судии маъмурӣ дар Тоҷикистони таърихӣ муайян карда шудааст;

- маводу далелҳо, хулоса ва пешниҳодҳои дар он диссертатсия инъикосшуда метавонанд дар раванди таҳсилу таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дар раванди такмили қонунгузорӣ, рушди меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ва ҷараёни ҳуқуқтатбиқкунӣ ва тарғибу ташвиқи худшиносии миллӣ, ифтихороти миллӣ, ватанпарастӣ истифода бурда шаванд.

Ҳангоми мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додани баъзе ҷанбаҳои масъала аз муқаррароту хулосаҳои С.С. Алексеев, Э.Б. Буризода, В.Ғ. Ғафуров, В.Г. Графский, Ҷ.М. Зоир, И.А. Исоев, Э.С. Насриддинзода, Т.В. Кашанина, Б.М. Лазарев, Б.И. Литвинский, Л.С. Мамут, А.В. Малко, М.Н. Марченко, Н. Матузов, А.М. Манделштам, А. Метс, Г.И. Муромсев, В.С. Нерсесянс, Ф.Т. Тоҳиров, В.А. Томсинов, В.Е. Чиркин, Л.Р. Сюкияйнен, С. Иброҳимов, Р.Ш. Шарифзода, А.Ғ. Холиқзода, А.М. Диноршоҳ, Ф. Абдулхонов, Х. Оев, К.Н. Холиқов, С.Б. Мирзоев, ва дигарон муроҷиат намуда, аз онҳо васеъ истифода бурдааст. ва дигарон **истифода шудаанд.**

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар марҳилаҳои таърихии пайдоиш ва рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ, адолати судии маъмурӣ ва даврабандии он дар таърихи давлатдории тоҷик, ташаккул ва рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣ дар давраи низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ташаккул ва рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ ва адолати судии маъмурӣдар давраи низоми ҳуқуқии исломӣ, амалисозии адолати судии маъмурӣ аз ҷониби амалдорони давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таърихи давлатдории тоҷикон ва идомат, фарқият ва дурнамои ташаккули адлия маъмурӣ ва амалисозии адолати судии

маъмурӣ дар Тоҷикистон асос ёфта, бо маводи интишории диссертант, ки оид ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарчашмаҳои аслии ҳуқуқии давраи зардуштӣ ва давраи асрҳои миёна, ки дар вақтҳои гуногун ба нашр расидаанд ва дар ҳудуди Тоҷикистон аз давраҳои қадим то имрӯз истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд.

- натиҷаҳои бадастовардаи диссертант барои рушди таърихи давлат ва ҳуқуқ, афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ва илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, рушди ниҳодҳои адлияи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ ва 39 интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 14 майи соли 2021 қарор қабул карда шуд, ки ба Одиназода Рамазон Сафар дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, ки аз ҷумла 6 нафарашон доктороши илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**14 майи соли 2021.**